# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба рисолаи Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи "Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ пешниҳод шудааст. –Душанбе, 2024. –177 саҳ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Адабиёти шифоҳӣ ё фолклор яке аз сарчашмаҳои муҳим ва бунёдии адабиёти ҳар қавму миллати олам аст. Адабиёти шифоҳии форсии тоҷикӣ дар батни худ мероси бузурги маънавии гузаштагони моро ҷой додааст ва ин заминаи таълифи асарҳои зиёди бадеӣ гардидааст, ки заминаи фолклорӣ доранд ва гузариши сюжетҳо ва образҳои фолклорӣ ба адабиёти хаттӣ яке аз қонунмандиҳои адабиёти олам аст, ки адабиёти форсии тоҷикӣ низ аз ин омил баҳраманд гардидааст. Муаллифу мусаннифи бисёр жанрҳои фолклорӣ номаълуманд ва онҳоро ҳамчун гӯяндагони мардумӣ медонанд ва эътироф мекунанд. То солҳои бистуми садаи XX ҷамъ овардан ё дар маҷмуи алоҳида ҷойгир ва нашр кардани осори фолклорӣ ба мушоҳида намерасад ва ҷамъовариву сабту нашри осори фолклорӣ баъд аз солҳои бистум ва сиюми садаи XX роиҷ гардид.

Дар асри XX –и мелодӣ дар майдони адабиёт як зумра шоирони халқӣ, аз ҷумла Бобоюнус Худойдодзода, Юсуф Вафо, Карим Девона, Сайдалӣ Ветизода, Ҳикмат Ризо, Қурбоналӣ Раҷаб, Ҳомид Саид ва дигарон зиндагиву эҷод кардаанд, ки Саид Холзода ба ҳамин қатор мансуб аст. Саид Холзода (1916-2002), яке аз намояндагони барҷастаи фолклори тоҷики саддаи XX ба ҳисоб меравад, ки аз худ осори зиёд боқӣ мондааст ва "Куллиёт"-и шоир соли 2013 аз ҷониби фарзандаш Саидраҳмон Саидов бо пешгуфтори муфассал ба чоп расидааст, ки шомили дубайтиву рубоиҳо, шеърҳо, ғазалҳо ва достонҳои ӯ мебошанд.

Диссертатсия ба таҳқиқи поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода бахшида шуда, он ба шиносномаи ихтисоси илмӣ – 10. 01.09. – Фолклоршиносӣ **мутобиқат** мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Диссертатсия ва мавзуи он барои илми фолклоршиносии тоҷик актуалӣ ва нав аст. Таҳқиқи рӯзгору осор ва масъалҳои поэтикаи ашъори Саид Холзодаро унвонҷӯ Самиева Нисо Шарбатовна зери унвони "Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода"дар қолаби диссертатсияи илмӣ ба таҳқиқ гирифтааст, ки кори хуби илмӣ ва шоистаи таҳсин аст, чунки дар адабиёти мо бисёр шоирон ва адибони халқӣ зиндагиву эҷод кардаанд ва аз худ мероси ҷолиби адабӣ боқӣ гузоштаанд, ки ин мероси онҳо ба шакли мусаввада дар дасти пайвандонашон боқӣ монда ва қисме нобуд ҳам шудааст. Дар дафтарҳои ашъор ва навиштаҳои шоирони халқӣ баъзан ба рубоиву ғазалу ашъоре дучор мегардем, ки аз шоирони касбӣ кам нестанд, вале бо сабабҳои омӯхта нашудан ва дастрас набудан аз назари аҳли таҳқиқ дур мондаанд.

**Дараҷаи навоварии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи мавриди гуфтугӯ дар илми фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии муосири тоҷик нахустин пажуҳиши монографӣ ва фарогири илмист, ки дар бораи рӯзгору поэтикаи ашъори Саид Холзада баҳс мекунад. Чунонки аз муҳтавои рисола бармеояд, диссертант муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёт, сайри таърихии вуруди шоирро ба арсаи шеъри тоҷик, ки солҳои 50-90-уми асри сипаришударо фаро мегиранд, мавриди пажуҳиш қарор дода, вижагиҳои сохториву муҳтавоӣ, омезиши суннатҳои писандидаи адабиёти навишторию гуфторӣ, паҳлуҳои рӯзгори иҷтимоӣ ва шахсияти адабии Саид Холзодаро ба ҳайси як шоири тавона ва воқеан мардумӣ муайян ва муқаррар кардааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаи диссертатсия дар 10 банди мукаммал оварда шуда, ба

сифати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ 6 пешниҳод манзур гардиддаст. Метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия бо дарназардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳама навовариҳои илмӣ ба ҳисоб мераванд, ба дараҷаи дархостшаванда сазовор мебошад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Муҳтавои кори диссертасионӣ, бахусус дар таҳқиқи адабиёти гуфторӣ, ки ба поэтикаи ашъори Саид Холзода ихтисос ёфтааст, замина фароҳам меорад. Натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда донишҳои назариро дар шинохти саҳеҳи жанрҳои адабии фолклорӣ афзуда, метавонанд дар пажуҳишҳои минбаъда мавриди истифода қарор гиранд. Кори диссертатсиониро метавон барои таълифи рисолаҳои илмӣ ҳамчун сарчашма истифода намуд. Диссертатсия дар муаррифӣ ва таҳқиқи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода манбаи нави илмӣ буда, ҳамзамон объекти нави таҳқиқи илмӣ маҳсуб мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқ барои омӯзиши адабиёти гуфтории тоҷик дар замони муосир, баррасии навъҳои адабӣ дар таркиби мероси шифоҳии мардум, ташкили курсу семинарҳо ва таҳияи китобҳои фанни фолклор мусоидат мекунад.

Натиҷа ва хулосаҳои бадастомада барои таълифи китобҳои дарсӣ, дастуру васоити таълимӣ, таълифи рисолаҳои магистрӣ ва номзадӣ, гузоришҳои илмӣ оид ба назми гуфтории тоҷик, рӯзгору осори шоирони мардумӣ ва робитаҳои адабиёти гуфторӣ ва навишторӣ муфид арзёбӣ мешавад.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия, автореферат ва мақолаҳои таълифнамудани диссертант ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.09 – Фолклоршиносӣ **мутобиқат** мкунад.

**Қисми асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна аз муқаддима, се боб, хулоса, тасияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои

таҳқиқ ва руйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима унвонҷӯ масъалаҳои назарии таҳқиқ, аз ҷумла мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту сарчашмаҳо ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, навоварии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва тасвибӣ амалии натиҷаҳои таҳқиқро ба як низоми муайяни талаботи диссертатсияи илмӣ баён доштааст.

**Боби якуми диссертатсия "Рӯзгор ва осори шоири мардумӣ Саид Холзода "** унвон дорад ва аз ду фасл фароҳам омадааст. Дар фасли якуми боби якум "Рӯзгори шоир ва таъсири фолклор ба ӯ" муаллиф замони тифлӣ, ба воя расидан ва камолоти Саид Холзодаро ба таҳқиқи илмӣ кашида, саҳифаҳои рӯзгорашро ба тартиб ба пажуҳиш гирифтааст.

Дар зимни таҳқиқи рӯзгори Саид Холзода унвонҷӯй масъалаҳои муҳити хонавода, мушкилоти ба сари эшон омада, муҳоҷират ва аз як мавзеъ ба мавзеи дигар кӯч бастан, тадриҷан ба омӯзиш машғул шуда, ба навиштани шеър оғоз кардан, аввалин намунаҳои ашъор ва ниҳоят ба зиндагии бо маром машғул шудани Саид Холзода баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба тартиб ва таҳқиқ кашидааст. Аз рӯи таҳқиқи Самиева Нисо Шарбатовна маълум мегардад, ки рӯзгори Саид Холзода аз давраи кӯдакияш хеле душвору ҳузнангез будааст, вале аз хурдсолӣ қиссаву ривоят, афсона ва панду андарзҳои модарашро ба гӯш гирифта, барои саводомӯзӣ мустақилона талошу худомӯзӣ намудааст. Худомӯзии пайваста ва таъсири фолклор шоири зираку ҷӯяндаро ба мурод расонидааст, ки ин маъниро аз мероси адабии ӯ дармеёбем (диссертатсия. саҳ. 22).

**Фасли дуюми боби аввал "Осори шоир ва иртиботи он ба фолклор"** унвон дорад ва дар ин фасл Самиева Нисо Шарбатовна маҷмуи осори

шоирро аз “Куллиёт” ва бойгонии шоир барчида ба таҳқиқ гирифтааст. Унвонҷӯ дар оғози фасл миқдори умумии осори Саид Холзодаро дар ҷадвали алоҳида, бо нишон додани унвон, соли таълиф, миқдори абёт ва анвои жанрӣ овардааст, ки кори хуб аст. Дар “Куллиёт”-и Саид Холзода дар маҷмӯъ 9 шеър -190 байт, 8 достон - 4780 байт, 12 манзума - 596 байт, номаҳо - 109 байт, 23 суруд - 331 байт, 5 маснавӣ - 57 байт, 4 ғазал - 30 байт, 64 рубоӣ - 256 байт, 1 фард -1 байт ҷамъоварӣ шудааст, ки ҷамъулҷамъ 6350 байтро ташкил медиҳанд.

Аз баррасӣ ва пажуҳиши осори шоир маълум мегардад, ки ҳамаи осори ӯ дар “Куллиёт”-аш гирдоварӣ шудааст.

**Боби дувуми диссертатсия “Сохтор ва анвои жанрии ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода” ном дошта**, аз чаҳор фасли муназзам, ки муҳтавои сохту анвои шеърии шоирро муайян мекунад, фароҳам омадааст.

**Фасли якум “Анвои шеъри суннатӣ дар эҷодиёти шоир”** унвонгузорӣ шуда, дар ин фасл муҳаққиқ анвои шеъри суннатии фардбайт, рубоӣ, манзума, ғазал, маснавӣ, суруд, мусаммату мураббаъҳои шоирро бо овардани мисолҳои зиёд ба таҳқиқ гирифтааст. Саид Холзода ба шеърнависӣ асосан аз солҳои 1948-1949 оғоз кардааст, ки намунаҳои беҳтарини он дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд ва шоир вобаста ба вазъи иҷтимоии худ афкори ахлоқӣ, иҷтимоӣ, тасвири манзараҳои табиат, васфи меҳнат ва меҳнаткашон, тасвири ҳаёти пурмашаққати пешазинқилобии халқи тоҷик Инқилоби Октябр ва расидани субҳи озодӣ ва ғайри ин мавзуъҳоро дар жанрҳои гуногуни шеърӣ, ки қаблан баён доштем, ба ваҷҳи хуб баён доштааст.

Аз таҳқиқи ин фасл унвонҷӯй ба чунин натиҷа мерасад, ки: “Саид Холзода чун шоири тавоно ва фарзанди замони худ афкори адабӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва рӯзмарраи хешро андархӯри замон дар либоси зебои бадеӣ бо дарназардошти меъёрҳои анвои адабии шеъри суннатӣ, мисли

ғазал, маснавӣ, манзума ва жанрҳои вижаи фолклорӣ-фардбайт, рубоӣ, суруд ва ғайра манзури хонанда намудааст. Онҳо чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати мазмун ҷолибу қобили омӯзишанд" (диссертатсия, саҳ. 65).

**Фасли дуюми боби дуюм "Мавқеи жанри достон дар эҷодиёти шоир" номида шуда**, муҳаққиқ дар ин фасл маҷмуи достонҳои Саид Холзодаро, ки 80 дар сади эҷодиёташро ташкил медиҳад ва бо номҳои "Ду ҳаёт" (дар ду қисм), "Ёди рӯзҳои аламнок"(қисми аввал), "Партави ҳаёти нав" (қисми дуюм), "Таассуроти Москав", "Имдоди Ленин", "Чоҳкан зери чоҳ", "Ишқи модар", "Саргузашти ҷабрдида", "Инқилоб"(қисми якум), "Инқилоб", "Сарнагун шудани аморати Бухоро" (кисми дуюм), "Ёди шаҳидони зилсилаи Ҳисор" ёд мешаванд, ба пажуҳиш гирифтааст. Аз таҳқиқот муайян мешавад, ки Саид Холзода бо навиштани достонҳои худ дар адабиёти фолклории тоҷикӣ равияи тозаеро ба ҳукми анъана даровардааст ва достонҳояш дар заминаи ҳодисаву воқеаҳои реалӣ эҷод шудаанд ва ҳодисаву воқеаҳои достонҳояшро аз забони шахсони воқеӣ шунидааст. Дар достонҳои шоир забон, устухонбандӣ ва тарзу усули баёни хати сюжети воқеаҳо ва тасвири симои образу персонажҳои достонҳо огоҳона ба риштаи тасвир кашида шудааст ва дар ҳар достон тарзу усули хоси тасвир ва вазъи мувофиқро истифода намудааст, ки аз амалҳои хуби шоир аст ва чунин вижагиҳоро унвонҷӯй алоҳида-алоҳида баррасӣ кардааст ва таъкид менамояд, ки: "Шоир дар асарҳояш анъанаи достонсароии классикию муосири тоҷикиро ба ҳам пайваста анъанаи достонсароиро равнақ бахшидааст" (диссертасия, саҳ. 87).

**Фасли сеюми боби дуюм "Вазни ашъори шоир" унвон дорад** ва ин ҷо муҳаққиқ асосан вазни ашъори шоирро ҳисоби оморӣ ва таҳқиқи илмӣ кардааст. Тавре ки аз таҳқиқи Самиева Н. Ш. муайян мегардад, Саид Холзода дар баҳрҳои ҳазаҷ - 29 шеър, рамал - 17 шеър (2 - достон), раҷаз - 6 шеър (1 - достон), музореъ - 6 шеър, хафиф - нест, мутақориб - 2 шеър (1 - достон), мутадорик - 1 шеър, мунсареҳ - 1 шеър, сареъ - 1 шеър

(достон), мусаддас - 1 шеър (достон), мусамман - 1 шеър (достон), муҷтас 1 шеър (1 - достон) ва дар маҷмуъ 56 шеър, 8 достон ва 64 рубой эҷод намудааст.

Ҳамаи анвои шеърии Саид Холзода дар диссертатсия ба забони арӯзӣ тақтеъ шудаву вазнашон бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд ва маълум мешавад, ки ҳамаи ашъори шоир дар вазни арӯзӣ эҷод шудаанд ва хушоянду равону гушнавоз мебошанд.

**Фасли чаҳоруми боби дуюм “Қофия ва радиф дар ашъори шоир”** номгузорӣ шудааст ва дар ин фасл унвонҷӯй қофияву радифро, ки дар шеър омили муҳиманд, дар ашъори Саид Холзода ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар ин ҷо муҳаққиқ истифодаи шоирро аз анвои гуногуни қофиябандӣ нишон додааст. Аз ҷумла, қофияҳои анъанавӣ, қофияи навъи мутлақи пурбаҳо, қофияи салибӣ (перекрёстная рифма), қофияи ҳаммаҳдуд, муқайяд бо равӣ, қайд, ридфи муфрад, қофияҳои мутлақ, бо ҳарфҳои васлу хуруҷ, ридфи муфраду зоид дар шеъри шоир хеле зиёд ба кор рафтаанд.

Дар мавриди қофияи достонҳои шоир муҳаққиқ нишон медиҳад, ки Саид Холзода дар достонҳояш шакли қофиябандии маснавиҳоро истифода кардааст. Баъд аз достонҳо муҳаққиқ қофияву радифҳои рубоиёти шоирро ба таҳқиқ гирифтааст ва нишон додааст, ки ҳамаи рубоиёти шоир ба тарзи қофиябандии суннатии ааба, яъне се мисраъ дохили қофия ва мисраи сеюм аз қофия озод эҷод шудаанд. Дар ашъори шоир қофияву радифҳои солим истифода шудаанд.

**Боби сеюми диссертатсия “Бадеъияти ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода”** унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Фасли якум “Ҷойгоҳи санъатҳои маънавӣ дар ашори шоир” ном дорад ва ин ҷо муҳаққиқ асосан санъатҳои маънавӣ, ки дар шеъри Саид Холзода истифода шудаанд, ба таҳқиқ гирифтааст. Дар ин фасл аз санъатҳои маънавӣ, ки шоир бештар аз онҳо сари кор гирифтааст, аз ҷумла-маҷоз, ташбеҳ ва

анвои он, истиора ва анвои он, тавсиф, сифатчинӣ, ташхис, талмеҳ, тазодд, саволу ҷавоб, киноя, муболиға, ирсоли масал, лаффу нашр, санъати шумор, ҷамъу тақсимро бо овардани мисолҳо мушаххас пажуҳиш кардааст.

**Фасли дуюми боби сеюм "Корбурди санъатҳои лафзӣ дар ашъори шеъри шоир"** номида шуда, санъатҳои лафзии мавриди истифода қарор гирифта, аз ҷумла иштиқоқ, мураддаф, тарсеъ, зуқофиятайн, санъати такрор, ҳоҷиб, ҳашв, муламмаъ, таҷнис ва ғайра баррасӣ гардидаанд.

Фасли сеюми боби сеюм "Забон ва сабки баёни шоир" ном дорад ва дар ин фасл муҳаққиқ забон ва сабки баёни Саид Холзодаро пажуҳиш кардааст. Воқеан забони баёни ҳар шоир ифодакунандаи маҳорати суханвар аст, ки ашъори Саид Холзода бо ғановатмандӣ, покизагии баён ва равону пухта буданаш баёнгари забони фасеҳ ва сабки равони ӯст. Ҳарчанд дар ашъори шоир бисёр вожаву иборaҳои русӣ-интернатсионалӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, вале ӯ ин вожаҳоро ба тарзи гӯиши тоҷикӣ мутобиқ гардонидааст, ба мисли истакон (стакан), шикаф (шкаф), афчарка (овчарка), астанофка (остановка), пенса (пенсия) ва ғайра.

Инчунин, шоир аз калимаҳои лаҳҷавӣ дар асараш зиёд истифода кардааст, ки ин вожаҳоро низ муҳаққиқ барчида бо мисолҳо нишон додааст. Ба ҳар сурат ашъори Саид Холзода ба забони сода, сабки равон, истифодаи бомавриди воситаҳои тасвири бадеӣ эҷод шуда, ба хонанда лаззати бадеӣ мебахшад, ки муҳаққиқ дар ин маврид чунин таъкид кардааст: "Забони осори Саид Холзода бою ғанӣ буда, шоир ҳангоми офаридани образҳо бештар аз калимаву таъбирҳои фаҳмову хотирмон истифода мекунад, чунки сабки баёни шоир истифодаи калимаҳои мушкилфаҳму бегонаро намепарастад. Забони ашъори шоир пур аз тавсифҳои муъҷазу дилкаш, ташбеҳҳои равшан ва мақолу зарбулмасалҳои халқист"(диссертатсия, саҳ153).

Дар хулоса, Самиева Н.Ш. натиҷаҳои таҳқиқи хешро аз мавзуъ дар 10 банди мушаххас ҷамъбаст кардааст, ки натиҷагирии хуб аст ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ низ тавсияҳои ҷолибанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштирок дар ду маҷмуаи мақолаҳои конфронси байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд ва пурра натиҷаҳои диссертатсияро фаро мегиранд. Теъдоди маводи чопшудаи муаллифи рисола ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навовариҳои илмии диссертатсионӣ, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Илова ба ин, сабки навишт, масъалагузорӣ, мулоҳизарониҳои илмӣ ва равиши баёни таҳқиқи илмӣ саҳми шахсии муаллифи рисоларо нишон медиҳад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна “Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода” дастовардҳои назарраси зиёд дорад, ки баён доштем, вале баъзе ноҷӯриҳо ба назар расиданд, ки бар ислоҳ ниёз доранд:

1.”Поэтика” мафҳумест хеле васеъ, вале дар диссертатсия ба маънои маҳдудаш баррасӣ шудааст, ки вусъати андеша мехоҳад.

2.Ибораи “адабиёти гуфторӣ”, ки муаллифи диссертатсия истифода кардааст, ҷои вожаи “фолклор”, ки мафҳуми байналмилалист, гирифтааст, ё ки пешниҳоди наву тоза аст, ки дар ин бора андеша бояд кард.

3.Унвонҷӯ дар бисёр маврид, хусусан боби дувум ба ҷои таҳлили асарҳо баёни воқеаву нақли достонҳоро зиёд ба кор бурдааст, ки аз шеваи таҳқиқи илмӣ дур аст.

4.Ғалатнависии калимаҳо ва номи ашхос низ ба назар мерасад, ки мувофиқи талаботи имло сурат нагирифтааст ва ислоҳ мехоҳад.

5. Дар қисми “Рӯйхати адабиёт” баъзе китобҳое оварда шудаанд, ки ба баррасии мавзуъ дахл надоранд.

Новобаста аз ин камбудиҳои номбаршуда диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна бо пажуҳиши мавзуъ, фарогирӣ, таҳқиқи масъалаҳо ва таҳлилу натиҷагириҳо кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи диссертатсияи номзадӣ пурра ҷавобгӯст.

Диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.09 – Фолклоршиносӣ таъйин шудаанд, комилан **мувофиқат** мекунад.

Хулоса, диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи “Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода” кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ аст.

Тақризи мазур бо дарназардошти талаботи бандҳои 71-72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.


МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария
ва таърихи адабиёти Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Давлатбеков Л. М.

“03” майи 2024

Суроға: 734019, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Кӯчаи Ф. Муҳаммадиев 44, х. 58.
Тел: +(992) 931-92-48-84.
E-mail: LoLo. Davlatbekov.@mail.com.

Имзои Л. М. Давлатбековро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

Суроға: 734019, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Кӯчаи Ф. Муҳаммадиев 17/6.
Тел: + 992-372-32-50-00.
E-mail: ddzt@ddzt.tj